# ХУЛОСАИ

## ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №_**

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 18 феврали соли 2021, таҳти №12**

**Дар бораи ба Азизов Комил Ҷурахонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Диссертатсия дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» санаи 20-уми октябри соли 2020, суратмаҷлиси №17 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2020 с., №28) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Азизов Комил Ҷурахонович, соли таваллудаш 1989, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2013 Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзодаро бо ихтисоси “менеҷменти фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ” хатм кардааст. Номбурда, соли 2014 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа дохил шуда, соли 2018 онро хатм намудааст. Аз соли 2013 то соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии Данғара, аз соли 2016 то ҳол саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият дорад.

Азизов Комил Ҷурахонович солҳои 2018-2020 ҷонишини декан оид ба таълими факултети идораи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара, аз январи соли 2020 то инҷониб иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст. Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара 29.07.2014., протоколи №1 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Комилов Рустам Саъдуллоевич.

**Муқарризони расмӣ:**

**Атоев Атоулло Мухторович** – доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**Суллаймонов Бахманёр Саидихсонович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Саидумаров С.С. таҳия ва имзо шуда, аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Давлатзода Қ.Қ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ», ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мебошад..

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович алоқамандии зич доранд.

Довталаб 10 маводи интишорӣ дорад, ки аз онҳо 4 тояшон дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОАи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Азизов К.Ҷ. Сарчашмаҳои асосии ҷанг аз нигоҳи Фирдавсӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/4, – Душанбе, 2017. – С. 148-153;
2. Азизов К.Дж. Государство и общество в философских воззрениях Фирдавси// Вестник Таджикского национального университета. №3/4, –Душанбе, 2017. –С.123-127;
3. Азизов К.Ҷ. Таъмини сулҳ ва амният дар “Шоҳнома”// Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 9, – Душанбе, 2018.- С. 205-208;

4. Азизов К.Ҷ. Ифтихори миллӣ омили инкишофи давлат ва ҷомеа// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №5, – Душанбе, 2020. – С.- 141 - 146.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забони франсавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ – **Султонзода С.А.**

-аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, мудири редаксияи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Сарредаксияи Энсклопедияи Миллии Ҷуҳурии Тоҷикистон – **Камолов У.Д.;**

-аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи кори иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, - Муллобоева Д.А.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд. Эродҳо, асосан оид ба камтар овардани иқтибосҳо дар автореферат ва норасогиҳои имлоиву техникӣ дахл доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

бори нахуст ба таври комплексӣ асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар асоси сарчашмаҳои фалсафӣ ва сиёсӣ таҳқиқ гардида, моҳият, хусусиятҳо ва самтҳои инкишофи ифтихори миллӣ дар шароити муосири давлату давлатдорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо **ошкор карда шудааст**;

дар афкори Фирдавсӣ алоқамандии ифтихори миллӣ ва таъмини амнияти давлату давлатдорӣ бо бақои сулҳу амонӣ **нишон дода шудааст;**

сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии Фирдавсӣ будани таълимот ва тасаввуроти мардуми ориёинажод **мушаххас карда шудааст**;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.**

Натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон минбаъд дар таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи дин, антропология, фарҳангшиносӣ, этика ва эстетика, таҳияи дастуру воситаҳои таълимиву методӣ, тавсияҳои методӣ ва курсҳои махсус истифода баранд. Инчунин, таҳқиқот ба дарки масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ мусоидат намуда, инчунин имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои марбут ба ифтихори миллӣ ва давлатдории муосир дарк карда шаванд.

**Ғоя** дар асоси “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва асарҳои муҳаққиқон осори ӯ **асоснок шудааст.**

Вазъияти иҷтимоиву сиёсии давр, аз ҷумла ҷунбишҳои озодихоҳонаи мардуми эронинажод бар зидди истилои араб, заминаи муҳими ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ будан **исбот карда шудааст**;

Ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ғурури миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар тарбияи насли наврас мақоми хосса доштани «Шоҳнома» **нишон дода шудааст**.

**Маводи таҳқиқшуда,** натиҷа ва хулосаҳои бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, фарҳангшиносӣ ва ахлоқ аз аҳамият холӣ намебошад.

**Дар раванди таҳқиқот** ба таври мушаххас дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф усулҳои умумиилмӣ ва махсуси фалсафӣ, методҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ ва сохторӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ** методологияи омӯзишу таҳлили илмии давлату давлатдорӣ, ифтихори миллӣ ва масъалаҳои таъмини амнияти ҷомеа ва давлатро муайян намуда, заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии ташаккули афкори иҷтимоиву сиёсии Фирдавсиро ошкор кардааст. Инчунин, довталаб матнҳои «Авасто»-ро ҳамчун сарчашмаи асосии ташаккули афкори иҷтимоиву сиёсии Фирдавсӣ баррасӣ намуда, монандии ақоиди иҷтимоиву сиёсии мутафаккирро бо онҳо доир ба давлату давлатдорӣ ва сулҳу амният нишон додааст.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ 18 феврали соли 2021 дар бораи ба Азизов Комил Ҷурахонович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа қарор қабул намуд.

Дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштироккунандагон аз 17 нафар аъзои доимии шӯрои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**

**доктори илмҳои фалсафа** **Ахмедов С.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**

**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

**18.02.2021**